# ХУЛОСАИ НИҲОИИ
# ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-012 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

Парвандаи аттестатсионии №34
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 17.01.2026, №01

Барои сазовор донистани Гафарзода Мавҷуда Тахир, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ.

Диссертатсия дар мавзуи «Такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат ба ҳимоя «17» январи соли 2026, суратмаҷлиси №34 аз тарафи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2.), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2023, № 12/шд таъсис ёфтааст, қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Гафарзода Мавҷуда Тахир, 27-уми октябри соли 1974 таваллуд шудааст.

Соли 1995 Донишкадаи тиҷоратии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, назорат ва таҳлили фаъолияти хоҷагӣ хатм кардааст. Солҳои 1995-2000 ҳамчун ассистенти кафедраи молия ва қарз Донишкадаи тиҷоратии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Солҳои 2000- 2002 муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон кор кардааст.

Солҳои 2002 – 2006 оператори Маркази компютерии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Солҳои 2006 – 2019 муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Аз 1 сетябри соли 2019 то ҳол ба ҳайси муаллими калони кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Мавзуи диссертатсияи Гафарзода Мавҷуда Тахир зери унвони «Такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 06.03.2018, суратҷаласаи №9 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ**: Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, дотсенти кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

1. Самандарзода Искандар Ҳусейн доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шотемур
2. Маҷидзода Давлатбахт Маҷид номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба тарбияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
3. Муассисаи пешбар – Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Хулосаи мусбати додашудаи муассиса дар ҷаласаи шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии иқтисодӣ ва шуъбаи таҳқиқоти институтсионалӣ муҳокима ва тасдиқ карда шудааст аз санаи 23 - декабри соли 2025, суратмаҷлиси № 12 баррасӣ гардида, аз тарафи раиси ҷаласа, узви вобастаи АМИТ, д.и.и., профессор Саидмуродзода Л.Ҳ., эксперт сарходими илмии шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ, д.и.и., дотсент Ҷонмамадов ва котиби илмии ҷаласа н.и.и., Сафарзода А. имзо шуда, аз тарафи директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобозода К.О. аз санаи 25.12.2025 тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзуи «Такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат, таҳқиқоти илмӣ-тахассусии ба итмомрасида буда, ба талаботи муқарраргардидаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Гафарзода Мавҷуда Тахир сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси зикршуда мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба соҳаи иқтисодиёти меҳнат, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Довталаби дараҷаи илмӣ 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзуи диссертатсия 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои

тақризшавандаи КОА-и Назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопшуда дорад:

**А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:**

[1-М]. Гафарзода, М.Т. Таҳлили вазъи муосир ва рушди соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.Т. Гафарова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. 1(56) 2025. – С.100-108. ISSN: 2308-054X

[2-М]. Гафарзода, М.Т. Масоили рушди бахшҳои соҳаи иҷтимоӣ дар шароити муосир [Матн] / М.Т. Гафарзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2024. 1/3(125) 2024. –С. 541-547. ISSN: 2663-5534.

[3-М]. Гафарзода, М.Т. Молияи дастгирии иҷтимоии аҳолӣ ҳамчун асоси низоми муносибатҳои азнавтақсимкунии пулӣ дар шароити навсозии низоми ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.Ш.Шоназарзода, М.Т. Гафарзода Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. 3(53) 2024. -С. 481-493. ISSN: 2308-054X

[4-М]. Гафарзода, М.Т. Самтҳои асосии танзими давлатии соҳаи иҷтимоӣ дар иқтисодиёти муосир [Матн] / М.Т. Гафарзода, А.А. Мирзоалиев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. 3(53) 2024. -С. 56-60. ISSN: 2308-054X

[5-М]. Гафарова, М.Т. Проблемаҳои асосии рушди бахшҳои соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.Т. Гафарова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. 2(52) 2024. – С.84-92. ISSN: 2308-054X

[6-М]. Гафарова, М.Т. Хусусиятҳои намудҳо ва моделҳои системаҳои иқтисодӣ [Матн] / Ф.Б. Насриддинов, М.Т. Гафарова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. 1(51) 2024. - С.414-419. ISSN: 2308-054X

[7-М]. Гафарова, М.Т. Ҷанбаҳои назариявии ташаккули соҳаи иҷтимоӣ дар дурнамои таърихӣ [Матн] / А.А. Мирзоалиев, М.Т. Гафарова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. 4/2(50) 2023. - С.243-249. ISSN: 2308-054X

[8-М]. Гафарова, М.Т. Таҳқиқи оморӣ ва равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар соҳаи сайёҳӣ [Матн] / М.Т. Гафарова, Ҷ.Н. Машокиров // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. 4/1(43) 2022. - С.165-172. ISSN: 2308-054X

[9-М]. Гафарова, М.Т. Уровень жизни и анализ изменения её показателей в Республике Таджикистан. Научный [Текст] / Ф. Ашуров, М.Т. Гафарова //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. № 4 2018. – Душанбе: ТНУ, 2018. - С. 86-90. (0,25 п.л.). ISSN: 2413-5151

Б) **интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ ва конференсияҳои ҷумҳуриявию баналмилалӣ.**

[10-М]. Гафарзода, М.Т. Заминаҳои рушди соҳаи иҷтмоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Текст] Конференсияи илмӣ - амалӣ ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Самтҳои такмили назария ва амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (22-23 майи 2025), - Душанбе, 2025. - С.134-137.

[11-М]. Гафарзода, М.Т., Раҳматова, К.Н. Накши суғуртаи иҷтимоӣ дар ташаккул ва рушди сифати ҳаёти меҳнатӣ [Текст] Конференсияи илмӣ - амалӣ ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Самтҳои такмили назария ва амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (22-23 майи 2025), - Душанбе, 2025. - С.137-141.

[12-М]. Гафарова, М.Т. Основные направления государственного регулирования поддержки социальной сферы [Текст] //Маҷмуи мақолаҳои конференсияи байналмилалии илмӣ – амалӣ дар мавзуи татбиқи сиёсати мусоидат ба содирот ва воридивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ 23.12.2023 - Душанбе, 2023. - С.202-207.

[13-М]. Гафарова, М.Т. Социально-экономические основы туризма: теоритический аспект [Текст] // Материалы XXIX международной научно-практической конференции Академическая наука - проблемы и достижения 30-31 мая 2022 г. Bengaluru, India - С. 211-215

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳои зерин ворид шуданд:**

**Аз доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии ДДҲБСТ Дадоматов Далер Нишонбоевич бо чунин эродҳо:**

1. Дар автореферат муаллиф зикр менамояд, ки ҳифзи иҷтимоӣ бо суғуртаи иҷтимоӣ низ зич алоқаманд аст, аммо нуктаи назари худро тавзеҳ надодааст?
2. Муаллиф қайд кардааст, ки яке аз масъалаҳои муҳим дар соҳаи иҷтимоӣ омӯзиши инфрасохтори самтҳои асосии он мебошад ва барои таҳияи инфрасохтори соҳаи иҷтимоӣ, онро тавассути призмаи се ҷузъи таркибӣ баррасӣ кардан зарур мебошад. Аммо ин фикри худро ба тафсил маънидод накардааст?

**Аз доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини якум, муовини ректор ба таълими ДДМИТ Мирсаидов Саидакмал Аврорович бо чунин эродҳо:**

1. Дар автореферат механизми дастгирии давлатии соҳаи иҷтимоӣ пурра тавзеҳ дода нашудааст.
2. Муаллиф дар расми 11 раванди бисёрҷанбаи ташаккул ва рушди соҳаи иҷтимоиро нишон додааст, аммо таҳкими минбаъдаи онро асоснок накардааст.

**Аз номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии МД “Донишгоҳи байналмилалии**

**сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ” Султонзода Ҷовиди Умарбек бо чунин эродҳо:**

1. Ба андешаи муаллиф баъзе омилҳоро метавон мушоҳида кард, ки мунтазам ба фаъолияти ташкилотҳои фарҳангӣ таъсири манфӣ мерасонанд ва дар натиҷа умуман соҳаи иҷтимоӣ зарар мебинад (расми 7). Дар автореферат нуктаи назари муаллиф асоснок карда нашудааст
2. Дар автореферат қайд шудааст, ки пеш аз ҳама, соҳаи маорифро таҳлил кардан зарур аст, зеро ба назари мо, ин самти муҳимтарини соҳаи иҷтимоӣ мебошад. Бале хеле фикр хуб, аммо мушкилоту масоили соҳаи мазкур мавриди таҳлил қарор дода нашудааст.

**Аз номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в., дотсенти кафедраи “Менеҷменти инвеститсионӣ ва маркетинг”-и Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Раҳимзода Музафар Иди эродҳои зерин:**

1. Инчунин дар автореферат такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ таҳия шудааст, аммо баъзе нуқтаҳои назари муаллиф баҳсбарангез аст.
2. Муаллиф дар расми 9 самтҳои асосии рушди соҳаи иҷтимоиро нишон додааст. Ба мақсад мувофиқ мебуд, агар онҳо мушаххас шарҳ дода мешудаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- масъалаҳои назариявӣ ва методии такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ аниқ карда шуда, таъсири бевоситаи он ба рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ он муайян гардидааст;

- омилҳо ва меъёрҳои асосии ба раванди такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ муқаррар гардида, нишондиҳандаҳои арзёбии он таҳия карда шудааст;

- механизми ташкилию иқтисодӣ рушди соҳаи иҷтимоӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ, коркарди тавсияҳои методӣ оид ба такмили механизм ва дурнамои рушди соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок ва пешниҳод шудаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- асосҳои илмию назариявӣ ва такмили асосҳои методии таҳияи механизмҳои дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ нигаронида шудаанд.

- *вобаста ба предмети таҳқиқот* усулҳои коркарди омории маълумот, таҳлили коррелятсионию регрессионӣ, таҳлили маҷмӯавӣ ва низомӣ, усули муқоисакунӣ, шаклҳои графикӣ ва ҷадвалии гузаронидани таҳлил истифода шудаанд;

- *таҳлили* вазъи муосири такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ гузаронида шудааст;

- муайянкунии омилҳои таъсиррасон дар соҳаи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ташаккул ва рушди муносибатҳои иқтисодӣ;

- таҳлили вазъи муосир ва тамоюли инкишофи соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, баҳодиҳии механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ;

- таҳқиқ ва таҳлили динамикаи нишондиҳандаҳои маблағгузории давлатии соҳаи иҷтимоӣ.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ба дастовардаи унвонҷӯ чунин тасдиқ мегардад:**

- *муқаррароти асосӣ* ва натиҷаҳои таҳқиқот дар соҳаи иҷтимоӣ ва дастгирии давлативу танзими соҳаи иҷтимоӣ дар шароити муосир ва дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоиҷикистон татбиқ гардидаанд;

- *самтҳои асосии* илман асоснокгардидаи таҳқиқ метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти таъсири бисёрҷонибаи омилҳои сершумори муҳити дохилӣ ва берунӣ дар шароити муосир истифода шаванд.

**Арзёбии саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор менамояд, ки:**

-*назария* дар ақидаҳои консептуалии назарияи иқтисодӣ, назарияи иқтисоди рақамӣ, ҳамчунин ташаккул ва такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ асос ёфтааст**;**

-*гояи* таҳқиқот аз таҳлили дастурҳо, баромадҳо ва паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи оморӣ ва таҳлилии вазорату идораҳои дахлдор, маводи конференсҳо ва дигар маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ сарчашма мегиранд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зоҳир мегардад, ки:**

- татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба сатҳи такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ мусоидат мекунад;

- хулоса ва тавсияҳои муаллифи диссертатсия метавонад дар раванди асоснокkунӣ ва таҳияи барномаҳои давлатӣ, омода намудани маводи таълимию методӣ, инчунин дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ҳангоми омӯзиши фанҳои: омор, омори иҷтимоӣ-иқтисодӣ, иқтисодиёти меҳнат, менеҷменти иҷтимоӣ, иқтисодиёт ва иҷтимоиёти меҳнат истифода гардад.

- муқаррароти асосии диссертатсия дар 13 кори илмӣ, аз он ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд;

- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ тӯли солҳои 2017-2025 баргузор гардидаанд, аз тарафи муаллиф маърӯза гардидаанд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 17 январи соли 2026 қарори сазовор донистан Гафарзода Мавҷуда Тахир бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Овоз доданд: тарафдор 14 нафар, муқобил, бюллетени беэътибор - нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
д.и.и., и.в. профессор — Қодирова З.Ҳ.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
н.и.и., дотсент — Машокиров Ҷ.Н.

Санаи барасмиятдароии хулоса 17.01.2026